# ПАЁМ – РОҲНАМОВУ РОҲКУШОИ АҲЛИ ИЛМУ МАОРИФ

Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи муҳими таърихии рушди давлатдорӣ ироа гардид. Ин давра марҳилаи омодагии ҳамаҷониба ба истиқболи 35-умин солгарди соҳибдавлатӣ ва соҳибистиқлолии кишварро фаро мегирад. Дар чунин шароити муҳим, халқи шарафманди тоҷик бо ҳисси баланди худшиносии миллӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ барои таъмини рушду пешрафти устувори ҳамаи самтҳои хоҷагии халқи мамлакат кӯшиш ба харҷ дода истодааст. Паёми имсолаи Пешвои миллат, чун паёмҳои солҳои қаблӣ, санади мукаммали стратегие мебошад, ки дар он таҳлили амиқи вазъи воқеии соҳаҳои асосии иқтисодиву иҷтимоии кишвар анҷом ёфта, самтҳо ва вазифаҳои рушди минбаъдаи онҳо ба таври дақиқ муайян карда шудаанд. Ин Паём на танҳо натиҷагирии марҳилаи сипаришуда, балки барномаи амалии дурнамои рушди миллӣ дар шароити ҷаҳони муосир ба шумор меравад. Аз муҳтавои Паёми барномавии Сарвари давлат бармеояд, ки он ҳамчун санади стратегии рушди миллӣ, пеш аз ҳама, ба таъмини сатҳи устувори некуаҳволии ҷомеа, таҳкими пояҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар ва муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди дарозмуддати Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидааст. Паём на танҳо таҷассумгари сиёсати давлат дар марҳилаи муосир, балки ифодаи равшани ҳадафҳои созанда ва дурнамои рушду нумӯи Тоҷикистони соҳибистиқлол дар арсаи байналмилалӣ мебошад. Таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи иқтисодиву иҷтимоии мамлакат, ки дар Паём ба таври муттаасил пешниҳод шудааст, бо ормонҳои таърихӣ ва ниёзҳои воқеии халқи тоҷик ҳамоҳанг буда, барои таъмин намудани рушди босуботи кишвар заминаи устувор мегузорад. Дар он масъалаҳои ободонии Ватан, густариши корҳои бунёдкорона, тақвияти иқтидори истеҳсолии соҳаҳои калидии иқтисодиёт, саноатикунонии босуръат, рушди соҳаи иҷтимоӣ — ҳамчун самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ таъкид мегарданд. Ҳамчунин, дар Паём ба масъалаҳои ташаккули фарҳанги миллӣ, таҳкими сиёсати ватандӯстона, хусусан дар байни ҷавонон, боло бурдани мақоми зан-модар

дар ҷомеа, масъулияти сарнавиштсози оила дар таълиму тарбияи насли наврас, инчунин омода намудани мутахассисони соҳибкасб ва рақобатпазир барои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ таваҷҷуҳи махсус зоҳир шудааст. Ин нуктаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат бар пояи ҷаҳонбинии созанда, дурбинона ва манфиатмеҳвар ташаккул ёфтааст. Аз дастуру ҳидоятҳои Садри фардосози миллат, ки дар Паём инъикос гардидааст, ки ҳар як фарди соҳибватан, новобаста аз соҳаи фаъолияташ, бояд манфиатҳои миллату давлат, эҳтироми арзишҳои миллӣ ва масъулият дар назди ҷомеаро дар меҳвари фаъолияти худ қарор диҳад. Зероояндаи Тоҷикистон аз сатҳи худогоҳии миллӣ, заҳмати содиқона ва муносибати борикбинонаи ҳар як шаҳрванд вобастааст. Гузашта аз ин ҳар як фарди комилҳуқуқи љомеа дар назди насли имрӯз ва фардои кишвар барои боқӣ гузоштани Ватани ободу пешрафта масъулияти таърихиро ба дӯш дорад. Дар баробари мояи ифтихору сафарозӣ қарор доштани дастовардҳои милливу давлатӣ онро бояд аз ҳаргуна бархудҳои фарҳангиву сиёсӣ эмин дошта бошем. Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо руҳияи баланд, масъулияти бузурги давлатӣ ва нигариши стратегӣ нишон медиҳанд, ки маориф яке аз меҳвари асосии пешрафти ҷомеа ва таҳкими пояҳои давлатдорӣ ба шумор меравад. Дар суханрониҳои Пешвои миллат маориф на танҳо ҳамчун соҳаи иҷтимоӣ, балки ҳамчун воситаи асосии ташаккули тафаккури миллӣ, ҷаҳонбинии илмӣ ва фарҳанги шаҳрвандӣ муаррифӣ мегардад. Роҳбари давлат бо боварии комил ва назари фардосози худ таъкид менамоянд, киояндаи иқтисод, саноат, илм ва технология бевосита аз сатҳи маърифат, донишандӯзӣ ва сифати таҳсилоти ҷомеа сарчашма мегирад: «Танҳо бо роҳи рушди маориф метавонем ҷомеаи пешрафта ва давлати рақобатпазир бунёд намоем». Маҳз чунин мавқеи арзишӣ маорифро ба омили калидии рушди устувор ва кафили пешрафти дарозмуддати кишвар табдил медиҳад. Лозим ба ёдоварист, ки нишондиҳандаи равшани афзалиятнок будани соҳаи маориф дар сиёсати иҷтимоии давлат афзоиши пайваста ва мақсадноки маблағгузории давлатӣ ба ҳисоб меравад. Боиси хушнудист, ки ҳаҷми маблағгузории соҳаи маориф сол ба сол зиёд шуда, тадриҷан ба сатҳи сифатан нав мерасад: “Барои соҳаи маориф дар соли 2026 аз ҳисоби буҷети давлатӣ қариб 14 миллиард сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба соли 2025-ум 25,4 фоиз ва нисбат ба даҳ соли қабл, яъне соли 2015-ум панҷуним баробар зиёд мебошад.” Ин раванд имкон фароҳам меорад, ки заминаи

моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ таҳким ёфта, шароити таълим ва сифати раванди омӯзиш беҳтар гардад. Ҳамзамон, маблағгузории соҳа ба баланд бардоштани мақоми иҷтимоии омӯзгор, ҷалби кадрҳои соҳибтахассус ва татбиқи технологияҳои муосири таълим мусоидат менамояд. Пешвои миллат бо таъкиди аҳаммияти стратегии ин раванд чунин иброз менамоянд: «Сармоягузорӣ ба маориф — сармоягузорӣ баояндаи давлат аст». Ин суханон моҳияти амиқи иҷтимоӣ дошта, нишон медиҳанд, ки таваҷҷуҳ ба маориф ҳамчун кафолати рушди дарозмуддат ва пойдории давлат арзёбӣ мегардад. Дар Паёмҳо масъалаи гузариш ба низоми дувоздаҳсолаи таҳсилот, бозбинии стандартҳои таълимӣ ва мутобиқсозии мазмуну мундариҷаи таҳсилот ба талаботи воқеии бозори меҳнат ҳамчун яке аз самтҳои муҳими ислоҳоти соҳаи маориф матраҳ мегардад. Ин раванд ба он равона шудааст, ки низоми таҳсилот ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ гардида, хонандагонро ба зиндагии мустақил, фаъолияти касбӣ ва иштирок дар рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар омода созад. Пешвои миллат таъкид менамоянд, ки низоми таҳсилот бояд на танҳо ба интиқоли донишҳои назариявӣ, балки ба ташаккули тафаккури интиқодӣ, малакаҳои амалӣ, қобилияти таҳлил, худомӯзӣ ва мутобиқшавӣ ба тағйироти босуръати ҷомеа равона гардад. Рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар Паёми имсола низ мавриди таваҷҷуҳи Садри олии кишвар қарор дошт, зеро маҳз пешрафти ин самтҳо заминаи ташаккули иқтисоди инноватсионӣ ва рушди устувори кишварро фароҳам меоранд. Пешвои миллат дар суханрониҳои худ пайваста таъкид менамоянд, ки бе омодасозии кадрҳои дорои саводи баланди рақамӣ, тафаккури техникӣ ва малакаҳои муосири иттилоотӣ рушди иқтисоди муосир ғайриимкон аст. Дар ин росто бояд зикр намуд, ки рақамикунонии раванди таълим ҳамчун яке аз василаҳои муҳими баланд бардоштани сифати таҳсилот, дастрасии баробар ба захираҳои таълимӣ ва ташаккули малакаҳои асри XXI баррасӣ мегардад. Истифодаи технологияҳои рақамӣ, платформаҳои таълимии электронӣ ва усулҳои инноватсионии омӯзиш имкон медиҳад, ки раванди таълим самараноктар гардида, қобилияти таҳлил, худомӯзӣ ва эҷодкории хонандагон густариш ёбад. Дар шароити рушди босуръати технологияҳои муосир, истифодаи унсурҳои зеҳни сунъӣ дар низоми маориф аҳаммияти рӯзафзун пайдо мекунад. Ин нукта дар Паёми навбатии Пешвои миллат ба таври рӯшан инъикоси гардида, вобаста ба истифодаи дурусти зеҳни сунъӣ дар рушди маорифи кишвар, зарурати

омодасозии кадрҳои баландихтисос бо технологияҳои пешрафта масъалагузорӣ гардид. Дар ин ҷода қайд менамоем, ки зеҳни сунъӣ метавонад ҳамчун воситаи ёрирасон дар инфиродисозии раванди таълим, таҳлили сатҳи дониши хонандагон, таҳияи маводҳои таълимии мутобиқ ва баланд бардоштани самаранокии идоракунии соҳаи маориф истифода шавад. Ҳамзамон, ҷорӣ намудани технологияҳои зеҳни сунъӣ дар раванди таълим зарурати ташаккули фарҳанги истифодаи масъулонаи онҳо, риояи меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ ва инсониро ба миён мегузорад. Ин ҷост, ки ҳамоҳангии пешрафти технологӣ бо ҳадафҳои тарбиявӣ метавонад ба рушди ҳамаҷонибаи шахсият ва таҳкими сармояи инсонӣ мусоидат намояд. Маълуми ҳамагон аст, ки нақши омӯзгор дар ташаккули шахсияти хонандагон, ҷаҳонбинӣ, фарҳанги шаҳрвандӣ ва масъулияти иҷтимоии онҳо дар суханрониву баромадҳои Пешвои маърифатпарвари мо махсус таъкид мешавад. Пешвои миллат омӯзгорро ҳамчун шахсияти калидӣ дар раванди тарбия ва рушди зеҳниву маънавии насли наврас муаррифӣ менамоянд. Баланд бардоштани мақоми иҷтимоии омӯзгор, беҳтар намудани шароити моддӣ, фароҳам овардани заминаи мусоиди фаъолияти касбӣ ва ҳавасмандгардонии маънавию моддӣ ҳамчун тадбирҳои муҳими сиёсати давлатӣ арзёбӣ мегарданд. Дар ин росто, дастури ҳидоятомези Сарвари кишвар, ки аз Паёми имсола бармеояд, боиси ифтихору масъулиятшиносист: “Бо истифода аз фурсат, мехоҳам ба падару модарон, омӯзгорон ва аҳли ҷомеа мурочиат карда, бори дигар таъкид намоям, ки ба масъалаи нигоҳубин ва таълиму тарбияи дурусти фарзандон бо камоли масъулият муносибат намоянд. Мо бояд дар хотир дошта бошем, киояндаи давлату миллат аз насли босаводу донишманд, соҳибкасбу соҳибҳунар, соҳибмаърифату соҳибфарҳанг, дур аз таассубу хурофот, ватандӯсту ватанпараст ва дорои ҳисси баланди худшиносии миллӣ вобастагии амиқ дорад.” Ин равиш аз он шаҳодат медиҳад, ки давлат ба омӯзгор на танҳо ҳамчун интиқолдиҳандаи дониш, балки ҳамчун тарбиятгари шахсият ва кафили ояндаи миллат муносибат мекунад. Тақвияти нақши омӯзгор дар ҷомеа метавонад ба баланд гардидани сифати таҳсилот, таҳкими тарбияи ватандӯстӣ ва ташаккули насли худогоҳ ва масъулиятшинос мусоидат намояд. Дар маҷмуъ, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мазмуну муҳтавои амиқ ва рӯҳияи созанда равшан нишон медиҳанд, ки маориф ҳамчун пояи рушди устувори ҷомеа, омили калидии таҳкими давлатдорӣ ва кафили пешрафти

дарозмуддати кишвар баррасӣ мегардад. Ислоҳоти пешниҳодгардида дорои хусусияти фарогир, пайгирона ва системавӣ буда, ба баланд бардоштани сифати таҳсилот, ташаккули сармояи инсонӣ, омодасозии кадрҳои рақобатпазир ва мутобиқсозии низоми маориф ба талаботи иқтисоди муосир равона шудаанд. Татбиқи амалии самтҳои муайянгардида метавонад заминаи устувори рушди иҷтимоиву иқтисодӣ, таҳкими худшиносии миллӣ ва баланд гардидани мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар фазои ҷаҳонӣ таъмин намояд.

Шарифиён Муқаддас Холиқзода - ходими пешбари шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент.

